بسم الله الرحمن الرحيم

БА НОМИ ХУДОВАНДИ БАХШАНДАИ МЕҲРУБОН

# Мунтахаби
# Мизон-ул-ҳикма

**Ҷилди дуввум**


**Муаллиф**
**Муҳаммадии Райшаҳрӣ**

123

**Муовинати Пажӯҳиш**

**Номи китоб:** Мунтахаби Мизон-ул-ҳикма
**Муаллиф:** Муҳаммадии Райшаҳрӣ
**Мутарҷим:** Абдулҳаким Камолӣ ва Амонуллоҳ Бобоӣ
**Тираж:** 1500
**Навбати чоп:** Аввал, 2008
**Нарх:** Шартномавӣ
**ISBN:** 978-964-195-014-1
**Ношир:** Интишороти Ҷомеат-ул-Мустафо Ал-Оламия
**Нишонӣ:** Эрон, Қум, Хиёбони Баҳор, ҷанби ҳотели Аз-Заҳро, фурӯшгоҳи Интишороти Ҷомеат-ул-Мустафо Ал-Оламия
**Телефакс:** +98 251 7749875
**Website:** www.eshraaq.com
**Email:** public-relations@Qomicis.com
© Ҳаққи чоп барои ношир маҳфуз аст

# Муқаддимаи ношир

Ҳадис дуввумин масдари ташреъ аст, ки пас аз Қуръон бештарин нақшро дар пайрезии маорифу аҳкоми динӣ ва шаклгириву боландагии улуми исломӣ ифо кардааст.

Талоши олимон ва муҳаддисону ҳофизони ҳадис дар тӯли таърихи Ислом дархӯри тақдиру такрим аст. Он бузургворон ранҷи фаровони сабту забти ҳадис ва танзиму табвиби онро бар худ ҳамвор сохтанд ва дар ҳиросату нигаҳдории ин мероси гаронқадри нубуввату имомат кӯшиданд.

Густардагии аҳодису ривоёт ва ҳамсон набудани ниёзи муҳаққиқону мухотабони ҳадис, муҳаддисонро бар он водошт, то дар канори фароҳам овардани маҷмӯаҳои бузурги ҳадисӣ, ба арзаи ҳадис дар қолибу шаклҳои навине рӯй оваранд, ки китобҳое монанди: Хисол ва Туҳаф-ул-уқул... самари ин рӯйкард аст.

«Мавсуаи Мизон-ул-ҳикма» дар имтидоди таҳқиқоти гузашта, тарҳи ибтикорие аст, ки оёту ривоётро бо тартиби алифбоии мавзӯӣ дар як ҷо гирд овардааст, ки дорои 564 мавзӯи аслӣ, ки аввалини онҳо «эсор» ва охирини онҳо «яқин» аст ва бо беш аз 4260 мавзӯи фаръӣ ва бо дарбардоштани беш аз бисту се ҳазор ҳадис ва садҳо оят ва бо эъробгузории аҳодис фароҳам омадааст.

Аз он ҷо ки Мавсуаи Мизон-ул-ҳикма ба хотири густардагӣ ва ҳаҷми зиёди он дар мавориде наметавонист порае аз ниёзҳоро бартараф созад, бар асоси ҳамин тафаккур гузидае аз ҳамин

мавсуа, ки шомили муҳимтарин мавзӯот ва аҳодис дар ду ҷилд бо унвони «Мунтахаби Мизон-ул-ҳикма» мунташир шуд. То касоне, ки алоқаманд ба огоҳӣ аз маорифи дурахшони Ислом ҳастанд, битавонанд дар сафару ҳазар аз он баҳра бибаранд.

Муовинати Пажӯҳиши Ҷомеат-ул-Мустафо Ал-Оламия бо тавони зиёде, ки барои тарҷумаи манобеи исломӣ ба забонҳои мухталифи ҷаҳон дорад, ҷиҳати нашри бештари маорифи Аҳли Байт (а) дар саросари ҷаҳон, иқдом ба тарҷумаи китоби «Мунтахаби Мизон-ул-ҳикма» ба забонҳои мухталиф намудааст.

Ва оқоён Абдулҳаким Камолӣ ва Амонуллоҳ Бобоӣ табааи Тоҷикистон ва аз муҳассилони Ҷомеат-ул-Мустафо Ал-Оламия, китоби «Мунтахаби Мизон-ул-ҳикма»-ро ба забони тоҷикӣ баргардониданд, ки аз эшон ва дигар фарзонагоне, ки дар ба самар расидани ин асар базли иноят карданд, қадрдонӣ намуда давоми тавфиқоташонро аз Худованд хоҳонем.

**Муовинати Пажӯҳиш**
**Идораи кулли барномарезӣ ва сомондеҳии таҳқиқот**

# Феҳраст

Муқаддимаи ношир ........ 5
108. Таҳқир ........ 11
109. Ҳақ ........ 13
110. Ҳуқуқ ........ 18
111. Эҳтикор ........ 21
112. Ҳикмат ........ 25
113. Савганд хӯрдан ........ 31
114. Ҳалол ........ 33
115. Бурдборӣ ........ 35
116. Ҳамоқат ........ 38
117. Ҳаммом ........ 41
118. Ниёз ........ 43
119. Эҳтиёт ........ 48
120. Зиндагӣ ........ 49
121. Ҳайвонот ........ 51
122. Шарм ........ 54
123. Оқибат ........ 57
124. Хидмат кардан ........ 59
125. Хаворич ........ 60
126. Зиёнкорӣ ........ 63
127. Хушӯъ ........ 65
128. Хутба ........ 67
129. Хат ва хушнависӣ ........ 69
130. Ихлос ........ 71
131. Ихтилоф ........ 77
132. Офариниш ........ 80
133. Офаридгор ........ 83
134. Ахлоқ ........ 89

135. Шароб ... 96
136. Тарс ... 99
137. Хиёнат ... 105
138. Хайр ... 108
139. Талаби хайр ... 116
140. Мадоро кардан ... 118
141. Дуо ... 120
142. Дунё ... 139
143. Созишкорӣ ... 157
144. Давлат ... 159
145. Дору ва дармон ... 161
146. Дин ... 164
147. Қарз гирифтан ... 170
148. Ёди Худо ... 172
149. Хорӣ ... 185
150. Гуноҳ ... 188
151. Раёсат ... 203
152. Рӯъё ... 205
153. Риёкорӣ ... 207
154. Раъй ... 212
155. Рибо ... 215
156. Умед ... 218
157. Раҷъат ... 220
158. Меҳрубонӣ ... 222
159. Раҳмат ... 224
160. Хешовандӣ ... 226
161. Рӯзӣ ... 229
162. Ришва ... 238
163. Ширхорагӣ ... 240
164. Хушнудӣ (1) ... 242
165. Хушнудӣ (2) ... 246
166. Нармӣ ... 249
167. Муроқибат ... 252
168. Рамазон ... 255
169. Рӯҳ ... 259
170. Осоиш ... 262
171. Кишоварзӣ ... 264
172. Закот ... 266
173. Замон ... 272
174. Зино ... 275
175. Зӯҳд ... 278
176. Издивоҷ ... 284

177. Дидор ........ 296
178. Зиёрати қубур ........ 299
179. Зевар ........ 306
180. Масъулият ........ 308
181. Пурсиш (1) ........ 310
182. Пурсиш (2) ........ 313
183. Носазогӯӣ ........ 319
184. Суҷуд ........ 322
185. Масҷид ........ 325
186. Саховат ........ 328
187. Роз ........ 332
188. Шодмонӣ ........ 335
189. Исроф ........ 338
190. Дуздӣ ........ 341
191. Хушбахтӣ ........ 344
192. Мусофират ........ 347
193. Сиқоят (об додан) ........ 351
194. Мастӣ ........ 353
195. Маскан ........ 355
196. Ҷангафзор ........ 357
197. Султон ........ 359
198. Ислом ........ 362
199. Салом кардан ........ 367
200. Таслим ........ 371
201. Гӯш супурдан ........ 373
202. Ном ........ 375
203. Номҳои Худо ........ 377
204. Суннат ........ 379
205. Шабзиндадорӣ ........ 381
206. Сарвар ........ 383
207. Сиёсат ........ 385
208. Кори имрӯзро ба фардо афкандан ........ 387
209. Бозор ........ 389
210. Мисвок задан ........ 391
211. Ҷавонӣ ........ 394
212. Шубҳа ........ 397
213. Дарахт ........ 399
214. Шуҷоат ........ 401
215. Бадӣ ........ 404
216. Ширк ........ 407
217. Шайтон ........ 410
218 .Шеър ........ 417

219. Шиор ........ 419
220. Шафоат ва воситагарӣ ........ 421
221. Бадбахтӣ ........ 428
222. Сипосгузорӣ ........ 432
223. Шак ........ 438
224. Шаҳодат (1) ........ 441
225. Шаҳодат (2) ........ 445
226. Шӯҳрат ........ 448
227. Машварат ........ 451
228. Пирӣ ........ 454
229. Пайрави Аҳли Байт ........ 457

# 108

## Таҳқир

### 543 – Наҳй аз ҳақир донистани мардум

١٦٤٥. لقمانُ عليه‌السلام ـ لابنِه ـ: يا بُنيَّ لا تُحَقِّرَنَّ أحَدا بخُلْقانِ ثِيابِه؛ فإنَّ ربَّکَ وربَّهُ واحدٌ.

**1645.Луқмон (а)** – хитоб ба фарзандаш - : Фарзандам! Ҳеҷ касро ба сабаби кӯҳна будани ҷомааш ҳақир машумор, зеро ки Парвардигори ту ва ӯ яке аст.[1]

١٦٤٦. رسولُ اللّه صلى‌الله‌عليه‌وآله: لا يَـزْرَأنَّ أحـدُكُم بأحدٍ من خَلقِ اللّه فإنَّهُ لا يَدري أيُّهُم وليُّ اللّه.

**1646.Паёмбари Худо (с):** Ҳеҷ як аз шумо набояд аҳаде аз бандагони Худоро хору бемиқдор шуморад, зеро намедонад, ки кадом як аз онҳо дӯст ва валии Худост.[2]

١٦٤٧. الإمامُ الصّادقُ عليه‌السلام: من حقّر مؤمناً مسكيناً لَم يزل اللّه؛ لَه حاقراً ماقتاً حَتّى يَرجع عَن محقرته إيّاه.

**1647.Имом Содиқ (а):** Ҳар кас мӯъмини бенавоеро ҳақир шуморад, Худованд пайваста ӯро таҳқир кунад ва душманаш дорад, то он гоҳ, ки аз таҳқири ӯ даст бардорад.[3]

### 544 – Барҳазар доштан аз таҳқири мӯъмин

١٦٤٨. رسولُ اللّه صلى‌الله‌عليه‌وآله: مَنِ اسْتَذَلّ مؤمنا أو مؤمنةً، أو حَقّرَهُ لفَقْرِه أو قلّةِ ذات يَدِه، شَهَرَهُ اللّه تعالى يَومَ القِيامَةِ، ثُمّ يَفْضَحُهُ.

---

1 Биҳор-ул-анвор, ҷ. 72, саҳ. 47 (ҳ. 57) ва ҷ. 75, саҳ. 147 (ҳ. 21).
2 Ҳамон.
3 Ат-тамҳис, саҳ. 50 (ҳ. 89).

**1648.Паёмбари Худо (с):** Ҳар кас мард ё зани мўъминеро ба сабаби тангдастӣ ё камбизоатӣ хору ҳақир шуморад, Худованди Мутаол дар рўзи растохез ўро ангушнамо ва сипас расвояш кунад.[1]

**١٦٤٩. عنه صلى‌الله‌عليه‌وآله: لا تُـحَقِّرَنَّ أحَـدا مِـن المسلمينَ، فإنَّ صَغيرَهُم عِند اللّه كَبيرٌ.**

**1649.Паёмбари Худо (с):** Ҳеҷ мусулмонеро хору ҳақир машумор, зеро кўчаки онон ҳам назди Худованд бузург аст.[2]

**١٦٥٠. عنه صلى‌الله‌عليه‌وآله: حَسْبُ ابنِ آدمَ من الشَّرِّ أنْ يُحَقِّرَ أخاهُ المسلم.**

**1650.Паёмбари Худо (с):** Дар бадии фарзанди одам ҳамин бас аст, ки бародари мусулмони худро кўчак шуморад.[3]

**١٦٥١. الإمامُ الصّادقُ عليه‌السلام: إنَّ اللّه تَباركَ وتعالى يَقولُ: مَن أهانَ لي وَليّا فقد أرْصَدَ لُمحارَبَتي، وأنا أسرَعُ شَيءٍ إلى نُصْرَةِ أوْليائي.**

**1651.Имом Содиқ (а):** Худои Таборак ва Таоло мефармояд: Ҳар кас яке аз дўстони маро хор шуморад, омодаи ҷанг бо ман шудааст ва ман дар ёрӣ додани дўстдоронам шитобандатаринам.[4]

---

1 Биҳор-ул-анвор, ҷ. 72, саҳ. 44 (ҳ. 52).
2 Танбеҳ-ул-хавотир, ҷ. 1, саҳ. 31 ва ҷ. 2, саҳ. 122.
3 Ҳамон.
4 Кофӣ, ҷ. 2, саҳ. 351 (ҳ. 5).